*УДК 930*
*ББК 63.221-1*

**_ДИРҲАМҲОИ УМАВӢ, АББОСӢ ВА САФФОРӢ ДАР ГАНҶИНАИ КӮЛОБ_**

***Шарифзода Абдувалӣ Қурбоналӣ,*** *унвонҷӯи Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониш, директори осорхонаи миллии Тоҷикистон*

**_ДИРХАМЫ ОМЕЙЯДОВ, АББАСИДОВ И САФФАРИДОВ В КУЛЯБСКОМ КЛАДЕ_**

***Шарифзода Абдували Курбонали,*** *соискатель Института истории, археологии и этнографии АН РТ, директор Национального музея Таджикистана*

**_DIRHAMS OF OMMEYADS, ABBASIDS AND SAFFARIDS IN KULOB TREASURE_**

***Sharifzoda Abduvali Qurbonali,*** *claimant for candidate degree of the Institute of History, Archeology and Ethnography under TR Academy of Sciences, Director of the National Museum of Tajikistan* **E-MAIL:** *abduvali05@mail.ru*

***Калидвожаҳо:*** *сиккашиносӣ, ганҷинаи Кӯлоб, дирҳамҳои умавӣ, дирҳамҳои аббосӣ, дирҳамҳои сафформӣ, дирҳами "исёнгар"*

*Калонтарин ганҷинаи дирҳамҳои кӯфӣ дар Тоҷикистон - ганҷинаи Кӯлоб тавсиф шудааст. Ганҷина 15 апрели соли 2015 дар деҳаи Бодомтуи ноҳияи Шоҳини минтақаи Кӯлоб ёфт шудааст. Дар таркиби ганҷинаи Кӯлоб як дирҳами умавӣ, як дирҳами "исёнгар", 23 дирҳами аббосӣ, 4 дирҳами сафформӣ ва 1370 дирҳами сомонӣ муайян гардидаанд. Дирҳами умавӣ соли 92/ 710-711 зарб шуда, қадимтарин сиккаи ганҷинаи Кӯлоб мебошад ва дар он номи халифа зикр шудааст. Мавҷудияти ҳарфҳои нуқтадор дар навиштори ин дирҳам онро ҷолибтар мегардонад. Дар асоси асарҳои олимони сиккашинос собит карда шудааст, ки чунин дирҳамҳо дар ҳудуди Тоҷикистон бори аввал ёфт шудаанд. Муаллиф ба хулоса расидааст, ки мавҷуд будани дирҳамҳои Умавиён, Аббосиён ва Саффориён аз мавқеи муайяни сиёсии ин сулолаҳо дар минтақаи Кӯлоб ва дар муомилоти пулӣ дар гардиш будани сиккаҳои онҳо дарак медиҳад.*

***Ключевые слова:*** *нумизматика, Кулябский клад, омейдские дирхамы, аббасидские дирхамы, саффаридские дирхамы, «мятежный» дирхам*

*Описан самый большой клад куфийских дирхамов в Таджикистане - Кулябский. Время обнаружения - 15 апреля 2015 года, кишлак Бодомту Шохинского района Кулябского региона. В составе клада один омейядский и один «мятежный» дирхам, 23 аббасидских, четыре саффаридских и 1370 саманидских. На двух дирхамах впервые прочтены надписи, которые отнесены к куфийскому виду и куфийскому с элементами насха. Омейядский дирхам 92/ 710-711 гг. - древнейшая монета Кулябского клада, содержит имя халифа, интересны буквы с точками в надписи на нём. На основании работ ученых-нумизматов доказано, что такие дирхамы найдены в Таджикистане впервые. Сделан вывод, что наличие в Кулябском кладе омейядских, аббасидских и*

*саффаридских монет свидетельствует об определенном политическом влиянии этих династий в Кулябе и о хождении их монет в денежном обращении.*

***Key words**: numismatics, Kulob, treasure, Ommeyads' dirkhams, Abbasids' dirhams, Saffarids' dirhams, "mutinous" dirham*

*The author of the article describes the biggest treasure of Kufi dirhams in Tajikistan – that of Kulob one. The time of discovery befalls April 15, 2015; the treasure was found in Kulob area, Shokhin nokhiya (average administrative-territorial unity of Tajikistan), kishlok (village) Bodomtu. The treasure includes one Ommeyad and one "mutinous" dirhams, 23 Abbasid, 4 Saffarid and 1370 Samanid coins of the same value. On two dirhams scientists for the first time read the inscription which they referred to Kufi type; the second dirham being a variety of Kufi type is distinguished with the elements of nash. The Ommeyad dirham pertaining to the period of the years 92/ 710-711, the ancientest coin of Kulob treasure, contains the Khalif's name; letters with points in the inscription being of certain interest. Designing on the premise of the works belonging to scientists-numismatits it has been proved that the dirhams of this sort are found in Tajikistan for the first time. The conclusion has been made that the presence of Ommeyad, Abbasid and Saffarid coins in Kulob treasure testifies to a certain political authority of the named dynasties in Kulob and a monetary circulation of their coins along the area.*

15 апрели соли 2015 хонандагони мактаби миёнаи №29 деҳаи Бодомтуи минтақаи Кӯлоб -Манучеҳри Ҷумъахон (таваллудаш соли 2000), Ҳусейни Абдухалил (таваллуди соли 1999) ва Султони Ҷиёнхон (таваллудаш соли 1998) ҳангоми ҷамъоварии рустании шифобахши "шнк" (шиник) аз замини шудгоршудаи атрофи Бодомту, ки онро сокинони деҳа «замини бобои Шер» меноманд, тасодуфан зиёда аз ҳазор сиккаи кӯфии асримиёнагиро меёбанд, ки ин сиккаҳо дар умум як ганҷинаро ташкил медиҳанд. Сиккаҳо дар кӯзаи мисӣ (ё биринҷӣ) будаанд ва трактор ҳангоми ҷуфти замин як паҳлӯи онро чок кардааст ва қисми сиккаҳо аз кӯза берун рехтаанд. Ин бозёфти хеле нодир, ки ҳамаи сиккаҳои он дирҳаманд, яъне аз нуқра зарб шудаанд, дар маҷмӯъ "Ганҷинаи Кӯлоб" ном гирифт. [1, с. 167-172].

Дар натиҷаи чораҷӯиҳои таъҷилӣ ва касбии масъулони Осорхонаи миллии Тоҷикистон то имрӯз аз ин ганҷина 1405 адад сикка ва 104 сиккапора дар фонди осорхонаи мазкур ҷамъоварӣ шуда, ҳоло таҳти рақами осорхонавии КВ-15409/1-1506 ва КВ-16041/1-3 қарор доранд. Аммо аз рӯи иттилооти ба мо дастрасшуда миқдори аслии сиккаҳо аз ин зиёд будааст. Аз ҷумла, як сокини деҳаи Бодомту 150 дирҳами ин ганҷинаро ба заргаре дар ш. Кӯлоб додааст, ки барои ӯ зевар созад. Мо бо ин заргар суҳбат доштем ва ӯ тасдиқ кард, ки воқеъан ӯ ин 150 дирҳамро гудохта, аз нуқраи онҳо ороишоти занона сохтааст. Албатта як миқдори дигари дирҳамҳои ин ганҷина дар дасти сикинони минтақаи Кӯлоб ва сиккашиносони ҳаваскор боқӣ мондааст, ки ҷамъоварӣ ва таҳқиқи онҳо кори оянда аст. Хулоса, бо занни наздик ба яқин метавон гуфт, ки миқдори умумии дирҳамҳои Ганҷинаи Кӯлоб камаш 1700 дона будааст.

Ҳолати сиккаҳо вақти бозёфт хуб буданд ва танҳо болои якчанд донааш каме ранги сабзча доштанд, яъне каме занг зада, навишторҳои куфӣ ва қисман хеле ками насхи аксари сиккаҳо хонда мешавад. Бо вуҷуди ин баъди ба Осорхонаи миллии Тоҷикистон ворид шудани ин қисми ганҷина ҳамаи сиккаҳои онро тармимгар Ф. Назаров бо оби муқаттар тоза намуда, як теъдод сиккаҳои занги сабзча доштаро бо маҳлули 10 % оби лимӯ ва трилион Б тоза карда, баъд дар оташдони махсус хушк

кард. Пас аз хушк кардан сиккаҳоро бо маҳлули 10 % параллоид В 82 дар атсетон таҳким карданд, то аз таъсири ҳаво ва нам эмин бошанд ва занг назананд. Сабаби хуб боқӣ мондани сиккаҳо ба ғайр аз нуқра буданашон, боз дар он буд, ки онҳо дар даруни кӯзаи мисӣ аз таъсири боду ҳаво ва рутубат эмин буданд. Қисми зиёди сиккаҳо бисёр соиш хӯрдаанд ва навишторашон қисман суда шуда, аз байн рафтааст. Бо вуҷуди ин бахшҳои асосии навишторҳои аксари сиккаҳо хонда мешаванд ва мансубияти онҳо аз ҷониби муаллифи ин сатрҳо муайян карда шудааст.

Зоҳиран дирҳамҳои ганҷинаи Кӯлоб аз нуқраи баландиёр зарб шуда, ташхиси озмоишгоҳии фулузи онҳо гузаронда нашудааст.

Ганҷинаи Кӯлоб ба асрҳои VIII – X тааллуқ дорад. Қадимтарин сиккаи он ба сулолаи Умавиён мансуб буда, соли 92/710-711 ва сиккаи аз ҳама дер- соли 316 /928-929 зарб шуда ба Сомониён тааллуқ дорад ва ин ганҷина дар умум 224 солро фаро мегирад.

Дар таркиби ганҷинаи Кӯлоб сиккаҳои чор сулола мавҷуданд: 1. Умавиён; 2. Аббосиён; 3. Саффориён; 4. Сомониён: Аз байни онҳо дирҳамҳои сомонӣ аксарияти мутлақро (97,9%) ташкил медиҳанд.[1] Сиккаҳои сомонии ганҷинаи Кӯлоб дирҳамҳое мебошанд, ки ин навъи дирҳамҳои сомонии баландиёрро “исмоилӣ” меноманд. [2, 103-133]

Сиккаҳои се сулолаи дигар (Умавиён, Аббосиён, Саффориён) хеле камшумор буда, якҷоя 2,0% -ро ташкил мекунанд. Аз байни онҳо сиккаҳои Аббосиён каме сершумортар (0,164%) мебошанд. Илова бар ин дар ганҷинаи мазкур ҳамагӣ як сиккаи “исёнгар” – дирҳами Аҳмад ибни Абдуллоҳи Хуҷистонӣ низ ҳаст, ки он 0,071%-ро ташкил медиҳад (ниг. ҷадвали 1).

***Ҷадвали 1.*** *Ганҷинаи Кӯлоб*

| № | Номи сулола | Шумораи сиккаҳо | % +/- |
|---|---|---|---|
| 1 | Умавиён | 1 | 0,071 |
| 2 | Аббосиён | 23 | 1,71 |
| 3 | Саффориён | 4 | 0,28 |
| 4 | Дирҳами исёнгар | 1 | 0,071 |
| 5 | Сомониён | 1370 | 97,9 |
|  | Ҳамагӣ | 1399 |  |

Чи тавре аз ҷадвали №1 маълум мешавад, дар таркиби ганҷинаи Кӯлоб ҳамагӣ як дирҳами умавӣ, 23 дирҳами аббосӣ, чор дирҳами саффорӣ ва як дирҳами “исёнгар” мавҷуд аст. Шоистаи ёдоварист, ки то ёфт шудани ганҷинаи Кӯлоб сиккаҳои куфии аз дигар ёдгориҳо ва мавзеъҳои Тоҷикистон ва Осиёи Миёна кашфшуда аз ҷониби В.В. Бартолд [3, 348], Е. Массон [4, с. 101-110 ], О. Смирнова [5, 173 ], Е.А. Давидович [6, 462], Кончнев [7, 36-38], Биков[8, 87-113], Г.А. Федоров - Давыдов [9, 34-41], Д. Довудӣ [10, 108-110, 57-61, 73-75, 149-202, 102-138, 52-56, 170 ], Т. Ерназарова [11, 67-70] ва дигарон таҳқиқ ва чоп шудаанд. Аммо таҳқиқ ва чопи дирҳамҳои ганҷинаи Кӯлоб ҳамчун маводи нави илмӣ аҳмияти хоса дорад ва дар мақолаи мазкур ба истиснои сиккаҳои сомонӣ натиҷаи таҳқиқи дирҳамҳои уммавӣ, аббосӣ ва саффории ин ганҷина оварда мешавад.

[1] Панҷ сиккаи зарбнашуда, ки болояшон суфта ва бекатиба мебошад, ба ин ҳисоб дохил намешаванд.

**Дирҳами умавӣ**

Дар ганҷинаи Кӯлоб ҳамагӣ як дирҳами умавӣ мавҷуд аст, ки он 2.25 гр вазн ва 26 - 27 милиметр диаметр дошта, навиштораш чунин аст:

Рӯи сикка ( аверс). Навиштаҷоти марказ:

لا اله الا / الله وحده / لا شريک له

(тарҷума: Нест Худое ҷуз Аллоҳ, Ӯст ягона, нест шарике мар Ӯро).

Навиштаҷоти мудаввари атрофи марказ:

بسم الله ضرب هذا الدرهم بدقوز (برموز) سنة اثنين و تسعين

(тарҷума: Ба номи Аллоҳ. Ин дирҳам соли 92 дар Дуқуз (Румуз) зада шуд).

Пушти сикка (реверс). Навиштаҷоти марказ:

الله احد الله / الصمد لم يلد و/ لم يولد و لم يكن / له كفوا احد

(тарҷума: Аллоҳ ягона аст. Аллоҳ бениёз аст. На зоянда аст ва на зода шуда. Ва мар Ӯро ҳеҷ ҳамтое нест).

Навиштаҷоти атрофи марказ:

محمد رسول الله ارسله بالهدی و دين الحق ليظهره علی الدين كله و لو كره المشركون

(тарҷума: Муҳаммад фиристодаи Аллоҳ аст. Ӯро барои раҳнамоӣ ва дини ҳақ фиристод, то онро бар ҳамаи динҳо пирӯз гардонад, агар чӣ мушрикон написанданд).



Чи тавре дар акс мебинем ин сикка аз ду ҷой сурох карда шудааст. Як сурох болои вожаи بسم сурохи дигар поёни калимаи دقوز ҷойгир аст.Дар он мисли аксар дирҳамҳои умавӣ номи халифа ё ягон ҳокими дигар навишта нашудааст. Соли зарби он соли 92/710-711 мебошад. Номи зарробхона, аз чор ҳарф иборат буда равшан ва хоно навишта шудааст, аммо шинохти он душвор мебошад. Ҷолиб он аст, ки шакли навишти номи зарробхона аз қисматҳои дигари навиштаҷоти ин сикка, ки бо хатти куфӣ иҷро шудаанд, фарқ дорад. Он на бо хатти куфии аслӣ, балки бо куфии моил ба хатти насх навишта шудааст. Хусусияти дигараш он аст, ки дар поён ва болои ҳарфҳои он нуқта гузошта шудааст. Ин дар ҳолест, ки дар дирҳамҳои умавӣ маъмулан нуқта гузошта намешуд. Дар ин калима як нуқта дар зери ҳарфи якум, ду нуқта дар болои ҳарфи дуюм ва як нуқта дар болои ҳарфи охирин, яъне чорум гузошта шудааст. Ба назар чунин мерасад, ки ин нуқтаҳо огоҳона гузошта шудаанд, яъне марбут ба ҳарфҳо мебошанд ва хусусияти ороишӣ надоранд. Бо назардошти ин нуқтаҳо хониши "би Руқуз" ? ё "би Рақуз"? برقوز воқеъитар ба назар мерасад. Шакли "Дуқуз" чандон боварибахш нест, чунки ҳарфи "д" د дар қисматҳои дигари навиштаҷоти ин сикка шакли дигар дорад. Аммо эҳтимоли Дуқуз хондани он низ

вуҷуд дорад. Рамуз хондани ин калима низ имкон дорад. Хулоса дар айни замон се хониши ин ном имкон дорад – Дуқуз, Руқуз ё Рамуз.

Сиккашиноси тоҷик Д.Довудӣ шакли Рамузро дурусттар шумурда, онро шакли ихтисор ва ё арабишудаи номи шаҳри Рам –Ҳурмузд мешуморад, ки он дар вилояти ҷанубу ғарбии Эрон дар Хузистон (Элами қадима) ҷойгир аст. Ин зарробхона дар давраи Сосониён амал мекард [10, 33-34].

Хулоса алҳол шакли дуруст ва ниҳоии хониши ин ном вуҷуд надорад. Масъалаи чаро номи зарробхона бо хатти дигар навишта шудааст, низ аз муаммоҳое мебошад, ки дар оянда бояд ҳалли худро ёбад.

Ин дирҳам ду сӯрохи хурди росткунҷанамо дорад, ки дар ду канори мутақобил ҷойгир мебошанд. Онҳо дар қадим ба мақсади ҳамчун ороишот истифода бурдани ин дирҳам карда шудаанд. Сикка ё дар ҳамели мухраҳои зеби гардан овезон будааст ё дар асбоби дигари ороишӣ бо мехча часпонда шуда будааст. Сиккаҳои сӯроxдор дар таркиби ганҷинаҳои замонҳо ва кишварҳои гуногун ёфт мешаванд. Онҳо ду марҳилаи мавҷудиятро аз сар мегузаронанд: Дар марҳилаи якум онҳо бо ин ё он сабаб аз муомилот берун шуда ҳамчун ороишот истифода бурда мешаванд, яъне амалан аз воҳиди пулӣ ба зевар, яъне ороишот табдил меёбанд. Дар марҳилаи дуюм эҳтимол бинобар камбуди пулӣ онҳоро аз ороишот ҷудо карда дубора ба муомилоти пулӣ ворид месозанд, яъне ҳамчун пул истифода бурда мешаванд ва онҳо дубора сифати аслии худро пайдо мекунанд. Ин андешаҳоро он чиз низ тақвият медиҳад, ки ин дирҳами умавӣ, ки соли 92/710-11 зада шудааст, дар ганҷинаи Кӯлоб қадимтарин буда, байни он ва дуюмин сиккаи қадимтарини ин ганҷина, ки соли 134/751-52 баровaрда шудааст, 42 сол фосила аст. Ин санад ҳам гувоҳӣ он аст, ки ин сикка муддати дароз дар муомилот набуда, тақрибан баъди соли зарби дуюмин сиккаи қадимтарини ганҷина, яъне баъди соли 134/751-52 дубора ба муомилот баргаштааст.

**Дирҳамҳои Аббосиён.** Дар ганҷинаи Кӯлоб 23 дирҳами аббосӣ мавҷуд аст, ки 0,164% -ро аз миқдори умумӣ ташкил мекунанд. Дар ду дирҳам, ки солҳои 134 /751-752 ва 145/762-763 дар шаҳри Басра зарб шудаанд, номи халифаҳо навишта нашудааст. Як дирҳам аз номи писари халифа ал-Мустаъин ал-Аббос ибни (Амир) ал-муъминин дар Шош соли 250 / 864-865 зарб шудааст. Дирҳамҳои боқимонда аз номи халифаҳо ал-Мӯътаз, ал-Мӯътамид, ал-Мӯътазид, ал-Муктафӣ ва ал-Муқтадир дар солҳои 251/ 865 - 296 / 908-909 дар шаҳрҳои Мадинатуссалом, Нисибин, Аҳвоз, Ҷураш?, Нишопур, Панҷҳир, Шош ва Самарқанд баровaрда шудаанд. Аз ин нуҳ шаҳр ду ададаш дар Ироқ, ду ададаш дар Эрони Ғарбӣ, ду ададаш дар Хуросон ва ду ададаш дар Мовароуннаҳр ҷойгир буданд. Аз ҳама бештар сиккаҳои Шош (5 дона) ва баъди он сиккаҳои Мадинатуссалом, яъне Бағдод (3 дона) мебошанд ва ба Басраву Нисибин ду сиккаӣ ва ба шаҳрҳои боқимонда як сиккаӣ рост меояд.

Аз лиҳози солшуморӣ (хронология) ду дирҳами Басра нисбат ба дигар дирҳамҳои аббосии ганҷина хеле қадимтар буда, ба солҳои 134 /751-752 ва 145 / 762-763 тааллуқ доранд, фосилаи замонӣ байни онҳо ва дигар дирҳамҳои аббосии ганҷина 105 солро ташкил мекунад. Боқимонда дирҳамҳои аббосии ганҷина гурӯҳи нисбатан яклухтро ташкил карда, ба солҳои 250 / 864-865 - 296 / 908-909 мансубанд.

Нуктаи дигари сазовори ёдоварӣ он аст, ки дар сиккаи Шош, ки соли 250 / 864-865 аз номи халифа ал-Мустаъин ва писари ӯ “ал –Аббос ибн амир ал-мӯъминин” зада шудааст, номи амири сомонӣ, ки дар ин вақт сардори сулола ва ҳокими Самарқанд буд, ёд нашудааст. Номи халифа дар пушти сикка ва номи писараш дар

рӯи сикка навишта шудааст. Сиккаҳои дигар низ маълуманд, ки дар шаҳрҳои гуногуни хилофат, аз ҷумла дар Самарқанд, соли 250/864-865, Самара, соли 250/864-865, Арминия соли 249/863-864 аз номи ин халифа ал-Мустаъин ва вориси ӯ "ал – Аббос ибн амир ал-мӯъминин" зада шудаанд. Аз ин ҷо ба хулосае омадан мумкин аст, ки номи ал-Аббос дар ин сиккаҳо, аз ҷумла дирҳами Шош ҳамчун вориси тахт ёд шудааст. Мутобиқи баъзе маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ дар ин сол амаки амир Наср ибни Аҳмад Муҳаммад ибни Нуҳ ҳокими Шош буд [12, 80-83].

Тавре ки маълум аст, Сомониён дар ибтидо тобеи ҳокимони Хуросон - Тоҳириён буданд. Баъди пойтахти Хуросон-шаҳри Нишопурро ишғол кардани Саффориён ва барҳам хӯрдани давлати Тоҳириён халифаи Бағдод барои пеши роҳи нерӯмандшавии ин сулоларо гирифтан соли 875 ба амир Наср, ки сардори сулолаи Сомониён буд, фармон фиристода, ӯро ҳокими Мовароуннаҳр таъин мекунад. Сомониён, ки то ин замон ҳуқуқи танҳо сиккаи мисӣ бароварданро доштанд, акнун метавонистанд дар қаламрави давлаташон аз нуқра ва тилло низ сикка бароранд. Дар робита ба ин дирҳамҳои аббосии ганҷинаи Кӯлоб, ки баъди соли 875 дар Шош бароварда шудаанд, ҷолиб мебошанд. Онҳо дар солҳои 270/883-884, 277/890-91, 288/ 900-901 (рақами осорхонавиашон: КВ-15409/13, КВ-15409/16, КВ-15409/20, КВ-15409/21) зада шудаанд. Ҷолибияти ин сиккаҳо дар он аст, ки дар онҳо танҳо номи халифаҳо ал-Мӯътамид ва ал-Мӯътазид ҷойгир буда, номи амирони сомонӣ навишта нашудааст. Ба ақидаи таърихшиносон ин падида сабабҳои сиёсӣ дошта, муборизаҳои дохилисулолавии байни бародарон, писарони Аҳмад ибни Нуҳро инъикос менамояд. Наср ибни Аҳмад, ки ҳокими Самарқанд буд, баъди марги падараш Аҳмад ибни Нуҳ дар соли 864 сардори сулола интихоб мешавад. Дар Шош аввал амакаш Муҳаммад ибни Нуҳ ва баъди ӯ бародараш Яъқуб ҳоким буданд. Муҳаммад ибни Нуҳ Насрро ҳамчун сардори сулола эътироф карда, аз номи ӯ сиккаҳои мисӣ мебаровард. Аммо бародараш Яъқуб ӯро ҳамчун сардори сулола эътироф накарда, аз номи худаш сикка мебаровард [13, 80-83]. Дар робита бо гуфтаҳои боло як дирҳами дар Шош соли 270 / 883-884 зада шуда, ки дар рӯяш дар марказ зери калимаи тавҳид номи Муҳаммад навишта шудааст, ҷолиб мебошад. Ин сиккаро бо эҳтимоли зиёд ба Муҳаммад ибни Нуҳ нисбат додан мумкин аст, аммо ба шарте ки ҳукмронии ӯ то соли зарби он давом карда бошад. Боқимонда дирҳамҳои Шош бе номи амири сомонӣ, бо эҳтимоли зиёд дар давраи ҳукмронии Яъқуб ибни Аҳмад дар ин шаҳр бароварда шудаанд. Дар ин дирҳамҳо номи Яъқуб ибни Аҳмад навишта нашудааст.

Дар рӯи як дирҳам бо номи халифа ал-Мӯътамид (256-279/870-892), ки сол ва ҷои зарбаш суда шуда боқӣ намондааст, баъди номи халифа номи нима суда шуда ...... احمد Аҳмад ... ва дар пушташ номи .. الناصر ва дар зери он боз як калимаи каме намоёни нохоно мавҷуд аст. Дар робита бо ин сикка гуфтан лозим аст, ки яке аз ҳокимони сулолаи Баниҷуриён, ки як сиккааш дар ганҷинаи Кӯлоб низ ҳаст, Аҳмад ибни Муҳаммад ном дошт. Шояд ин сикка ба ӯ тааллуқ дошта бошад.

Дирҳами дигаре, ки таҳти рақами КВ-15409/10 қарор дорад, барои Осиёи Миёна хеле нодир аст. Зеро чунин сикка бори аввал дар Тоҷикистон ёфт шудааст. Он 3,75 грамм вазн ва 23-24 милиметр қутр дорад ва навишторҳояш чунинанд:

Навиштори маркази рӯи сикка:

بالنصر
الملک و القدرة لله
الحول و القوة لله

الوفی احمد بن عبد الله
و الظفر

(тарҷума: Бо пирӯзӣ/ Подшоҳӣ ва тавоноӣ мар Аллоҳрост/ Нерӯ ва тавоноӣ мар Аллоҳрост/ Паймондор Аҳмад писари Абдуллоҳ / ва зафар).

Навиштори мудаввари дарунӣ -

بسم الله ضرب هذا الدرهم بنشابور سنه ثمان و ستين و ماتين

(тарҷума: Ба номи Аллоҳ. Ин дирҳам дар Нишопур соли 268 зада шуд).

Навиштори мудаввари берунӣ қисман суддашуда ба шакли зер боқӣ мондааст: ...ذين يلونكم من الكفار و ليجدو...

(тарҷума: ...Касоне, ки аз кофирон назди шумоянд, ва дарёбанд..... ).

**П.с.** Навиштаҷоти марказ:

باليمن / لا اله الا الله / محمد رسول الله / المعتمد الى الله / و السعادة

باليمن
لا اله الا الله
محمد رسول الله
المعتمد الى الله
و السعادة

(тарҷума: Бо ҳумоюнӣ/ Нест Худое ба ҷуз Аллоҳ/ Муҳаммад фиристодаи Аллоҳ аст/ ал-Муътамид илал-Лоҳ/ ва некбахтӣ).

**Эзоҳ:** Дар қисми поёнии катибаи марказӣ нуқта мавҷуд аст.

Навиштори мудаввари берунӣ қисман суддашуда ба шакли зер боқӣ мондааст: ... ....اللهم ... الملك من تشاء و تذل من تشاء بيدك الخير.

(тарҷума: Бор Илоҳо... Эй (дорандаи) подшоҳӣ, ба ҳар касе ки бихоҳӣ (подшоҳӣ) бидиҳӣ ва ҳар киро хоҳӣ, хор бинмоӣ ва ҳама накуиҳо ба дасти туст...).



Яъне ин дирҳам соли 268/881-882 бо зикри номи халифа ал-Мӯътамид ва Аҳмад ибни Абдуллоҳ дар Нишопур зарб шудааст. Дар ин солҳо Нишопур дар дасти сулолаи Саффориён буд, аммо номи сардори ин сулола Амр ибни Лайс (265-288/ 879-901) дар ин дирҳам ёд нашудааст. Сабаб дар он аст, ки ошӯбгарони Нишопур бо сардории Аҳмад ибни Абдуллоҳи Хуҷистонӣ соли 875 бар зидди Саффориён шӯриш бардошта, аз итоати ӯ мебароянд ва Хуҷистониро ҳокими Нишопур эълон мекунанд ва ӯ то соли 882 дар инҷо ҳукмронӣ мекунад.

Дирҳами дигари мавриди таваҷҷӯҳ (КВ-15409/19) аз номи халифа ал-Мӯътазид (солҳои 279-289/892-902) дар соли 284/898 зада шудааст. Номи зарробхона (حرس) равшан ва хоно аст, аммо шинохташ ва муайянкунии мавзеъи ҷойгиршавиаш мушкил

ва то ҷое баҳсбарангез мебошад. Номи шаҳр аз се ҳарф иборат буда, пеш аз он калимаи мадинат истодааст. Зоҳиран он ба назар مدينة جرش “Мадинату Ҷураш” мерасад. Шаҳри Ҷураш дар ҳудуди Иорданияи имрӯза ҷойгир аст ва дар замони Умавиён ва Аббосиён дар он сикка зарб мешуд. Аз рӯи тарзи навишти ҳарфҳо ва равиши онҳо ин хониш дуруст ба назар мерасад. Аммо як чиз дар ин сиккаҳо баҳснок менамояд. Гап дар сари он аст, ки дар рӯи ин дирҳам зери калимаи тавҳид номи Муҳаммад ибни Аҳмад навишта шудааст.

***Ҷадвали 2.*** *Дирҳамҳои аббосии ганҷинаи Кӯлоб*

| № | Номи халифа | Номи волӣ | Сол | Зарробхона |
|---|---|---|---|---|
| 1 | - | - | 134 /751-752 | Басра |
| 2 | - | - | 145 / 762-763 | Басра |
| 3 | ал-Мустаъин | ал-Аббос бини (Амир) ал-муъминин | 250 / 864-865 | аш-Шош |
| 4 | ал-Мӯътаз | - | 251?/ 865 | Нисибин |
| 5 | ал-Мӯътаз | - | 2... | ... |
| 6 | ал-Мӯътаз | - | 25... | ... |
| 7 | ал-Мӯътамид | - | 253? / 867 | Панҷҳир |
| 8 | ал- Мӯътамид | - | 260 / 873-874. | ... |
| 9 | ал-Мӯътамид | Аҳмад ибни Абдуллоҳ | 268/881-882 | Нишопур |
| 10 | ал-Мӯътамид | - | 270 / 883-884 | Аҳвоз |
| 11 | ал-Мӯътамид | - | 270 / 883-884 | ... |
| 12 | ал-Мӯътамид | Муҳаммад | 270 / 883-884 | аш-Шош |
| 13 | ал-Мӯътамид (?) | الناصر<br>احمد... | - | - |
| 14 | ал- Мӯътамид (?) | - | - | - |
| 15 | ал-Мӯътазид | - | 277 / 891 | аш-Шош |
| 16 | ал- Мӯътазид | - | 281 /895 | Мадинатуссалом |
| 17 | ал-Мӯътазид | - | 282 / 896 | Мадинатуссалом |
| 18 | ал-Мӯътазид | محمد بن احمد؟ | 284 / 898 | Ҷураш (?) |
| 19 | ал-Мӯътазид | - | 286 /900 | аш – Шош |
| 20 | ал-Мӯътазид | - | 288 / 900-901 | аш-Шош |
| 21 | ал-Мӯътазид | - | 279 / 892-893 | Самарқанд |
| 22 | ал-Муктафӣ | - | 293 / 905-906 | Нисибин |
| 23 | ал- Муқтадир | | 296 / 908-909 | Мадинат ал – салом |
| 24 | ал-Мътамид ё ал-Мӯътазид (?) | - | - | - |

Дар ганҷинаи Кӯлоб дирҳамҳое ҳастанд, ки ба сулолаи Баниҷуриён тааллуқ дошта, дар онҳо ҳамин ном навишта шудааст.

Ин ҷо саволе ба миён меояд, ки оё дар ҳар ду намуд сиккаҳо як шахс ё шахсони гуногуни ҳамном ёд шудаанд. Дар ҳолати пазируфтани фарзияи дуюм Муҳаммад ибни Аҳмад ҳокими шаҳри Ҷураш будааст. Дар сурати қабул кардани фарзияи якум

номи зарробхона бояд дигар хел хонда шавад, чунки ҳокимияти Баниҷуриён дар ҳудуди Хуросони Шарқӣ буд, аммо шаҳри Ҷураш дар Шарқи Наздик ҷойгир буд. Ба наздикӣ акси як дирҳами ин шаҳр дастраси мо шуд, ки он ҳам соли 284/898 зарб шуда, дар як тарафаш Муҳаммад ибни Аҳмад ва дар тарафи дигараш номи амири сомонӣ Аҳмад ибни Исмоил навишта шудааст. Аз ин баромеояд, ки сиккаи мазкур дар яке аз шаҳрҳои тобеи Сомониён зарб шудааст ва номи зарробхона зоҳиран ба Ҷураши Иордания монанд аст.

**Дирҳамҳои Сaффориён**. Дар ганҷинаи Кӯлоб ҳамагӣ 4 дирҳами саффорӣ ҳаст, ки аз миқдори умумӣ 0, 28 % ташкил мекунанд. Ҳамаи онҳо аз номи Амр ибни Лайс зада шудаанд. Сол дар ду сикка ва номи зарробхона дар се сикка боқӣ мондааст (Ҷадвали 3). Дар як сикка (КВ-15409/26) номи ду халифа дар рӯй ва пушти сикка навишта шудааст, аммо номи халифаи дуюм дуруст хонда намешавад ва эҳтимоли Муътаз будани он низ кам аст. Сикаи № КВ-15409/28 дар ду канори мутақобилаш яктои сӯрох дорад. Яъне ин дирҳам монанди дирҳами дар боло ёд шудаи аббосӣ як муддат аз муомилот берун шуда ҳамчун асбоби ороишӣ истифода шудааст ва баъдтар дубора ба муомилот баргардонда шудааст.

***Ҷадвали 3.*** *Дирҳамҳои саффории ганҷинаи Кӯлоб*

| *№* | *Номи халифа* | *Номи волӣ* | *Сол* | *Зарробхона* |
|---|---|---|---|---|
| *1.* | ал-Мӯътамид ва ал – Муътаз (?) | Амр ибни [Лайс] | 277 / 891 | Шероз? |
| *2.* | ал - Мӯътазид | Амр ибни Лайс | 289 / 901-902 | Нишопур |
| *3.* | ал-Мӯътазид | Амр ибни Лайс | ... | Балх? |
| *4.* | ал- Мӯътазид | Амр (ибни Лайс) | ... | ... |

Дирҳамҳои саффории ганҷинаи Кӯлоб дар се шаҳр – Нишопур, Шероз(?) ва Балх (?) зада шудаанд. Тавре ки маълум аст, Нишопур пойтахти Саффориён буда, Шерозу Балх дар итоати онҳо буданд.

Сиккаҳо каму беш суда шудаанд ва ин нишонаи он аст, ки онҳо муддати дароз дар муомилот будаанд ва бинобар соиш хӯрдан навиштаҳояшон қисман нохоно шудааст.

Мавҷуд будани дирҳамҳои Умавиён, Аббосиён ва Саффориён дар таркиби ганҷинаи Кӯлоб аз мавқеи муайяни сиёсии ин сулолаҳо дар минтақаи Кӯлоб ва дар муомилоти пулӣ дар гардиш будани сиккаҳои онҳо дарак медиҳад. Мавҷудияти нуқтаҳо дар катибаи куфии дирҳами соли 92 ҳиҷрӣ хулосаи муҳаққиқони катибашиносро доир ба пайдоиши нуқта дар хатти куфӣ тағйир медиҳад, ки ин мақола маҷоли ин баҳсро надорад.

***Пайнавишт:***


1. *Шарифзода А.К. Новый монетный двор Саманидов // Сообщения Национального музея Таджикистана. - Душанбе, №2, - 2017. – С. 167-172.*
2. *Давидович Е.А. Денежное обращение Мавераннахра при Саманидах / Е.А. Давидович // НЭ, VI. – М., 1966. – С.103-133.*
3. *Бартольд В.В.Неизданный саманидский фельс// Сочинения. -М. Т.IV, 1966. – 348 с.*
4. *Массон М.Е. Кладик саманидских дирхемов конца X в. из пригорода старого Мерва / М.Е. Массон // Эпиграфика Востока, вып. XVII. – М., 1966. – С. 101-110.*
5. *Смирнова О.И. Каталог монет с городища Пенджикент.- М.,1963.- 201 с.*
6. *Давидович Е.А. Клады древних и средневековых монет Таджикистана.- М., 1979.- С. 462.*

*7. Кочнев Б.Д. Клады серебряных монет X в. из Узбекистана // Четвертая Всероссийская нумизматическая конференция (тезисы докладов), г. Дмитров, 1996 г. - М., 1996. - С. 36-38.*
*8. Быков А.А. Новый клад медных куфических монет из Таджикистана / А.А. Быков // Труды отдела нумизматики ГЭ. Т.1. – М., 1945. - С. 87-113.*
*9. Федоров - Давыдов Г.А. Клад золотых монет X в. из Самарканда / Г.А. Федоров – Давыдов // Историко-археологический сборник. - М., 1962. -С. 34-41.*
*10. Довутов Д. Ещё один саманидский фельс монетного двора города Ходжента / Д. Довутов // Исследование по истории и культуре Ленинабада. - Душанбе, 1986. - С. 108-110; Довутов Д. Саманидская монета монетного двора Чаганияна/Д. Довутов // Ахбори АФ РСС Тоҷикистон. Серия востоковедения, истории, филологии. - 1988. - № 2 (10). - С.59-61; Довутов Д. Медный чекан Хутaля при Саманидах / Д. Довутов // Ахбори АФ РСС Тољикистон. Серия востоковедения, истории, филологии. - 1989. -№ 4 (16). - С.73-75; Довуди Д. Денежное обращение древнего и средневекового Хатлона (V в. до н.э. – начало XX в. н.э.) / Д. Довуди. - Душанбе, 2006. – С. 149-202; Довуди Д. Монетные клады Таджикистана / Д. Довуди. - Душанбе, 2009. - С. 102-138; Довудӣ Д. Сиккаҳои Ҳисори Шодмон / Д. Довудӣ. – Душанбе: Эр-Граф, 2015. - С. 52-56., Довуди Д. Бухархудатские, сасанидские и омейядские дирхемы Таджикистана.-Душанбе, 2018- С. 170*
*11. Довуди Д. Бухархудатские, сасанидские и омейядские дирхемы Таджикистана.- Душанбе, 2018- С. 33-34.*
*12. Гафуров Б. Таджики, древнейшая, древняя и средневековая история.-М., 1972.-658 с.*

***Reference Literature:***

*1. Sharifzoda A.K. New Samanid Mint // Reports of the National Museum of Tajikistan. - Dushanbe., №2, 2017. – PP. 167-172.*
*2. Davidovich Ye.A. Money circulation of Maverannahr under the Samanids / Ye.A. Davidovich // NE, VI. - M., 1966. - PP.103 – 133.*
*3. Bartold V.V. Non-Edition Samanids || Compositions. – M., - V. IV., 1966. – 348 pp.*
*4. Masson M.Ye. Small Treasure of Samanids' Dirhams of the End of the X-th Century from the Suburb of Old Merv / M.Ye Masson // Epigraphics of the East, Issue XVII. - M., 1966. - PP. 101-110*
*5. Smirnova O.I Catalogue of Coins from the Settlement of Ancient Panjakent. - M., 1963.- 201pp.*
*6. Davidovich Ye.A. Treasures of Ancient and Medieval Coins of Tajikistan. - M., 1979.- P. 462.*
*7. Kochnev B.D. Treasures of Silver Coins of the X-th Century from Uzbekistan // The fourth All-Russian Numismatic Conference (abstracts), Dmitrov, Moscow oblast 1996 - M., 1996. - pp. 36 – 38.*
*8. Bykov A.A. A New Treasure of Copper Kufic Coins from Tajikistan / A.A. Bykov // Proceedings of the Department of Numismatics G.E. from State Hermitage. V.1. - M., 1945. - pp. 87 - 113.*
*9. Fyodorov-Davydov G.A. Treasure of Gold Coins of the X-th Century from Samarkand / G.A. Fyodorov-Davydov // Historical and Archaeological Collection. - M., 1962. – pp. 34-41*
*10. Dovutov D. Another Samanid Feld of the Mint of the City of Khodzhent / D. Dovutov // Research on the History and Culture of Leninabad. - Dushanbe, 1986. - PP. 108-110;*

*Dovutov D. The Samanid Coin of the Chaganian Mint / D. Dovutov // Reports of Tajik SSR Academy of Sciences. A Series of Oriental Studies, History, Philology. - 1988. - № 2 (10). – PP. 59-61; Dovutov D. Copper Khutalya's Minting under the Samanids / D. Dovutov // Reports of the Tajik SSr Academy of Sciences A Series of Oriental Studies, History, Philology. - 1989. No. 4 (16). - PP.73-75; Dovudi D. Monetary Curculation of Ancient and Medieval Khatlon (V-th entury BC - Beginning of the XX-th Century AD) / D. Dovudi. - Dushanbe, 2006. - PP. 149 - 202; Dovudi D. Coin Treasures of Tajikistan / D. Dovudi. - Dushanbe, 2009. - PP. 102 - 138; Dovudi D. Coins of Hissar Shodmon / D. Dovudi. - Dushanbe: Er-Graf, 2015. - PP. 52-56., Dovudi D. Bukharhudat, Sasanid and Ommayyad Dirhams of Tajikistan. - Dushanbe, 2018. - P. 170.*

11. *Dovudi D. Bukharhudat, Sasanian and Omeyad Dirhams of Tajikistan. - Dushanbe, 2018. - PP. 33-34.*
12. *Gafurov B. Tajiks, the Ancientest, Ancient and Medieval History. -M., 1972.- 658 pp.*